# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 15 апрели соли 2023, таҳти №26 дар бораи сазовор донистани Аминзода Зокирҷон Тоҳир шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз руи маҷмуи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 11 феврали соли 2023, суратҷаласаи №17 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд 62) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ, унвонҷӯ Аминзода Зокирҷон Тоҳир 10 январи соли 1967 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1992 ба шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 1998 хатм кардааст. Солҳои 2000-2017 дар вазифаҳои судяи Суди ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Синои шаҳри Душанбе, муовини раиси Суди шаҳри Душанбе, раиси Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ва раиси Суди шаҳри Панҷакент фаъолият намуда, аз 18-уми майи соли 2017 бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №412 ба вазифаи муовини Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидааст. Ҳамчунин Аминзода Зокирҷон Тоҳир давоми солҳои 2013-2020 унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳисоб мерафт.

Мавзуи диссертатсия – «Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз руи маҷмуи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2013, №9 тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 23 январи соли 2021, №13 (бо баҳои аъло ва хуб) аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст.

Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз санаи 26 августи соли 2021) ҳамчунин, дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, аз 19 ноябри соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон;

**Сафарзода Ҳаёт Сайдамир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултетӣ №6 Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон», ки аз ҷониби Ғайратов Темуршо Муборакшоевич-номзади илмҳои иҳуқуқшиносӣ (аз руи ихтиссоси 12.00.08), дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Алиев Ф.Ш. ва ташхисгар – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ғайратов Т.М., имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи 01 апрели соли 2023 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Муаллиф диссертатсияро мустақилона навишта, он дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Дараҷаи навгонии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя ироа шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳо нақши муаллифро дар навиштани рисолаи илмӣ тасдиқ менамоянд. Инчунин, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашриёҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Камолов, З.А., Аминов, З.Т. Цели наказания [Матн] / З.А. Камолов, З.Т. Аминов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2015. – №1 (62-1). – С. 139-145; ISSN 2219-5408.

2. Аминов, З.Т. Общие начала назначения наказания и особенности их применения при осуждении по совокупности преступлений [Матн] / З.Т. Аминов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/9. – С. 229-233; ISSN 2413-5151.

3. Аминов, З.Т. Совершенствование правил назначения наказания по совокупности приговоров [Матн] / З.Т. Аминов // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2018. – №4 (28). – С. 134-139; ISSN 2305-0535.

4. Аминзода, З.Т. Замкунии намудҳои гуногуни ҷазо ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо [Матн] / З.Т. Аминзода // Қонунгузорӣ. – 2020. – №4 (40). – С. 126-129; ISSN 2410-2903.

5. Аминзода, З.Т. Ба назар гирифтани хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда ҳангоми таъини ҷазо [Матн] / З.Т. Аминзода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №4/2 (49). – С. 207-211; ISSN 2664-0651.

6. Камолов, З.А., Сатторов, Ғ.С., Аминзода, З.Т. Сершуморагии ҷиноятҳо: мафҳум ва шаклҳои он [Матн] / З.А. Камолов, Ғ.С. Сатторов, З.Т. Аминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №2 (22). – С. 170-181; ISSN 2414 9217.

7. Шарипов, Т.Ш., Аминзода, З.Т. Тарзҳои таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи хукмҳо [Матн] / Т.Ш. Шарипов, З.Т. Аминзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – №4 (48). – С. 93-98; ISSN 2410-2903.

8. Аминзода, З.Т. Определение неотбытой части наказания, назначенного по предыдущему приговору [Текст] / З.Т. Аминзода // VI Международная студенческая научно-практическая конференция «Актуальные вопросы юриспруденции» (Душанбе, 26 апреля 2019 г.). Сборник докладов. Часть 2. – С. 8-12.

9. Аминзода, З.Т. Тартиби татбиқи тарзи қисман зам намудани ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо [Матн] / З.Т. Аминзода // Маводи VIII-умин конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Низоми миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ: омӯзиши ҷараён ва омилҳои рушд» (Донишгоҳи славянии Руссия-Тоҷикистон. – Душанбе, 30 октябри соли 2020). – С. 245-250.

10. Аминзода З.Т. Баъзе аз масалаҳои муайян намудани қисми адонашудаи ҷазо аз рӯйи ҳукми пештара ҳангоми таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо / З.Т. Аминзода // Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040) 27-28 декабри соли 2022 / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2023.– С. 339-342.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** – мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Қодирзода Д.С.** – декани факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Зокирзода З.Х.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, нисбати ҷазоҳои иловагии якхелаи таъиншаванда, баъзе аз таклифҳо дар самти такмили қонунгузории ҷиноятӣ, пешниҳоду нуққаи назари шахсии муаллифи автореферат ва дигар камбудиҳои забониву имлоиро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– таҳлили мафҳум ва шаклҳои сершуморагии ҷиноятҳо;

– мафҳумии нави маҷмуи ҷиноятҳо, аломатҳои фарққунандаи он аз дигар шаклҳои сершуморагии ҷиноятҳо;

– баррасии асосҳои умумии таъини ҷазо ва таҳлили хусусиятҳои татбиқшавии онҳо ҳангоми маҳкумшавӣ аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо;

– таҳлили тарзҳои таъини ҷазои ниҳоӣ аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо;

– муайянкунии тартиби таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо;

– таҳияи тавсияҳо барои мукаммалнамоии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба институти таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо ҷамъбаст ва густариш медиҳанд. Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ саҳми арзанда гузошта, дар баробари ин, бахри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ кумак расонад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории миллӣ гарданд; дар амалия тартиби дурусти бандубаст кардани маҷмуи ҷиноят ва интихоби дурусти қоидаҳои таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо танзим карда шаванд; дар фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиққунии судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд. Ҳамзамон, хулосаҳои диссертатсия метавонанд дар рафти таълим, аз ҷумла, зимни омӯзиши дарсҳо аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фанни асосҳои таъини ҷазо, таҳқиқоти магистрӣ ва диссертатсионӣ истифода намуд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқ як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монандӣ:** диалектикӣ, мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо истифода шудаанд.

Ҳамчунин ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони тоҷику рус ба монади А.А. Абдурашидов, У.А. Азиззода, Н.Б. Азимзода, З.А. Камолов, С.Т. Мирзоев, Ҳ.С. Салимов, И.Р. Тулиев, Т.Ш. Шарипов, Д.С. Дядкин, Е.Ю. Жинкина, В.А. Измалков, Н.Н. Коротких, Н.Н. Крупская, Ю.С. Летников, Н.Н. Рогова, В.В. Савин, С.Г. Спивак, В.М. Урчуков, Т.Г. Черненко, Т.Г. Чернова, Э.Г. Шкредова ва дигарон омӯхта шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонанд ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар амалияи судӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин маводи таҳқиқотӣ метавонад дар ҷараёни таълим, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва асосҳои умумии таъини ҷазо истифода шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

– нуктаҳои илмии таҳқиқи диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзуи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба паҳлуҳои гуногуни масоили таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз руи маҷмуи ҳукмҳо таҳлил гардида, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар судҳои ҷумҳурӣ оид ба институти мазкур мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

– натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқи диссертатсионӣ, аз ҷумла, хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба

институти шартан татбиқ накардани ҷазо ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 15 апрели соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Аминзода Зокирҷон Тоҳир дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд 62 тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ - 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раисикунанда, муовини раиси Шурои
диссертатсионӣ, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор — Диноршоҳ А.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Гадоев Б.С.

15 апрели соли 2023